Китоби Муқаддас барои кӯдакон

пешкаш мекунад

# Вақте ки Худо ҳама чизро офарид



Муаллиф: Edward Hughes
Рассом: Byron Unger; Lazarus; Alastair P.
Адаптатсиякунанда: Bob Davies; Tammy S.
Тарҷумон: Christian Lingua
Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

BFC
PO Box 3
Winnipeg, MB R3C 2G1
Canada

©2021 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.

Кӣ моро офаридааст? Китоби Муқаддас, Каломи Худо дар бораи тарзи пайдо шудани инсон нақл мекунад. Дар қадим Худо инсони аввалро офарида, Одам номид. Худо ӯро аз хоки замин сохт. Вақте ки Худо ба Одам ҷон даровард, Одам зинда шуд. Ӯ худро дар боғи зебои ба номи Адан дид.



Пеш аз ба вуҷуд овардани Одам, Худо дунёи зеборо офарида, бо чизҳои дилкаш пур кард. Худо пайиҳам теппаҳо ва даштҳои васеъ, гулҳои хушбӯю дарахтҳои баланд, паррандагони рангорангу парвонаҳои дилшинам, наҳангҳои азимҷуссаву нонхӯракҳои хазандаро офарид.



Дар ҳақиқат, ҳама чизе, ки вуҷуд дорад, Худо офаридааст.

Дар ибтидо, пеш аз он ки чизе пайдо шавад фақат як Худо буду дигар чизе набуд. На инсон, на замин ва на чизе буд. Ҳеҷ чиз. На рӯшноию на торикӣ ва на баландию на пастӣ буд. На дирӯзу на фардо. Танҳо Худои беаввалу беохир вуҷуд дошт. Пас Худо амал кард! Дар ибтидо Худо осмону заминро офарид.



Замин бе шаклу холӣ буд. Ҳама ҷоро торикӣ фаро гирифта буд.  Худо гуфт: “Рӯшноӣ шавад”.



Ва рӯшноӣ ба вуҷуд омад. Худо рӯшноиро "рӯз" ва торикиро "шаб" номид. Шом омад, субҳ дамид ва ин рӯзи аввал буд.



Дар рӯзи дуюм, Худо обҳои уқёнусҳо, баҳрҳо ва кӯлҳоро дар зери фазо ба тартиб овард. Дар рӯзи сеюм, Худо гуфт: “Бигзор хушкӣ намудор гардад”. Ва ҳамин тавр шуд.



Худо инчунин фармуд, ки алаф, гулҳо, буттаҳо
ва дарахтҳо пайдо шаванд ва онҳо
пайдо шуданд. Шом омад,
субҳ дамид ва ин
рӯзи сеюм буд.



Баъд Худо офтоб, моҳ
ва ситораҳои бешуморро
офарид.  Шом омад ва
субҳ дамид ва ин
рӯзи чорум буд.



Дар навбати оянда Худо офаридани ҳайвонҳою моҳиҳои обӣ ва паррандагонро ният дошт. Дар рӯзи панҷум Ӯ наҳангҳои азимҷуссаю моҳичаҳои хурдакак, шутурмурғҳои пойдарозу паррандаҳои майдаякро офарид. Худо ҳар навъи моҳиро барои пур кардани обҳо ва ҳар гуна паррандаҳоро барои ҳаловат бурдан аз замину баҳру осмон офарид.  Шом омад, субҳ дамид ва ин рӯзи панҷум буд.



Баъд аз он, Худо давом дода, гуфт: “Бигзор замин бо махлуқоти зинда пур шавад...”. Ҳар як намуди ҳайвону ҳашароту хазанда ба вуҷуд омад. Инҳо филҳои заминларзонандаю кундузҳои серташвиш, маймунҳои шӯху тимсоҳҳои лаванд, кирмҳои каҷу килебу мушҳои боғайрат, зароффаҳои гардандарозу гурбачаҳои нармпашм буданд. Дар он рӯз Худо ҳар гуна ҳайвонро офарид. Шом омад, субҳ дамид ва ин рӯзи шашум буд.



Худо дар рӯзи шашум як кори дигаре низ кард, ки кори хеле махсус буд. Ҳоло ҳама чиз барои Инсон тайёр буд. Хӯрок аз замин бараяш мерӯйид ва ҳайвонҳо барои хизмати вай тайёр буданд. Пас,



Худо гуфт: "Биёед, ба Худамон монанд карда одамро офарем. Бигзор ӯ ба ҳама чизи рӯйи замин ҳукмрон шавад". ИНАК ХУДО ОДАМРО БА МИСЛИ ХУД ОФАРИД; БА МОНАНДИ ХУДО ӮРО ОФАРИД ...

Худо ба Одам гуфт: “Аз ин боғ ҳар чизе ки хоҳӣ бихӯр, лекин аз дарахти дониши некию бадӣ нахӯр.  Агар аз меваи ин дарахт хӯрӣ, ҳатман мемурӣ”.



Худованд Худо гуфт: “Хуб нест, ки одам танҳо бошад, Ман барои вай ёрдамчӣ меофарам”. Худо ҳамаи паррандагон ва ҳайвонҳоро ба назди Одам овард. Одам ба ҳамаи онҳо ном гузошт. Маълум мешавад, ки вай ақли бутун дошт, ки ин корро карда тавонист. Аммо аз байни ҳамаи паррандагон ва ҳайвонҳо ҳеҷ як шарики мувофиқ барои Одам пайдо нашуд.



Худо хоби Одамро сахт
баронду як кабурғаашро
гирифта, аз он занро
офарид.  Зане, ки Худо
офарид, шарики мувофиқ
барои Одам буд.



Худо ҳама чизро дар шаш рӯз офарид.
Баъд Худо рӯзи ҳафтумро баракат доду
он рӯзро рӯзи истироҳат ном гузошт.
Дар боғи Адан, Одам ва занаш Ҳавво
ба Худо итоат намуда, комилан
хушбахт буданд.  Худо Хӯҷаин,
Парвардигор ва Дӯсти
онҳо буд.



Вақте ки Худо ҳама чизро офарид

Ҳикоя аз Каломи Худо, дар Китоби Муқаддас

Ҳастӣ 1-2 ҷойгир шудааст

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад.” Забур 119:130

# Хотима

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба дохили ту омада дар ту зиндагӣ мекунад ва ту бо Ӯ то абад зиндагӣ мекунӣ.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16